آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

9 сентябри соли 2023
Шанбе
№ 72 (14979)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУҲИМИЯТИ МИНБАЪД ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОҲАИ ОММАВИКУНОНИИ ВАРЗИШИ ХАЛҚӢ ТАЪКИД ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 сентябр ҳайати Конфедератсияи умумиҷаҳонии варзиши халқиро бо сарварии раиси созмони мазкур Наҷметтин Билол Эрдўғон қабул кард.***



Бинобар масъалаҳои рушди минбаъдаву оммавикунонии намудҳои миллии варзиш ва бозиҳои халқӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар оғози мулоқот Билол Эрдўғон ба сарвари Ўзбекистон салом ва паёмҳои беҳтарини Президенти Туркия Реҷеп Тайиб Эрдўғонро расонд.

Ҳамчунин миннатдории самимӣ барои дастгирӣ кардан ва дар сатҳи олитарин созмон додани Ҷашнвораи байналхалқии варзиши халқӣ, ки бори аввал дар шаҳри Хева бо иштироки тақрибан ду ҳазор варзишгарони зиёда аз 60 давлати ҷаҳон гузаронида шуд, изҳор гардид.

Дар ҷараёни суҳбат масъалаҳои амиқсозии ҳамкориҳои тарафайн дар коркарди барномаҳои таълимӣ, мубодилаи таҷриба, тайёр намудани мутахассисон, мураббиён ва ҳакамон, васеъ ҷалб намудани ҷавонон ба варзиши халқӣ дар пояи «харитаи амалиёт» баррасӣ шуданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# БА ИШТИРОКДОРОНИ ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ВАРЗИШИ ХАЛҚӢ

Муҳтарам иштирокдорони ҷашнвора!

Дӯстони азиз!

Хонумон ва ҷанобон!

Ҳамаи шуморо бо кушодашавии **Ҷашнвораи байналхалқии варзиши халқӣ** дар Хеваи куҳан ва нотакрор, ки дар олам ба сифати осорхонаи зери осмони кушод машҳур аст, аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Дар ҷашнворае, ки бори аввал дар кишвари мо баргузор мегардад, намояндагони ЮНЕСКО, ТУРКСОЙ, Конфедератсияи умумиҷаҳонии варзиши халқӣ ва давлатҳо – аъзои он, ҳамчунин анқариб 930 варзишгарони халқии 63 мамлакат, кормандони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок мекунанд, ки аз эътибор ва рағбат ба ин чорабинӣ дар олам дарак медиҳад.

Ҷашнвораи байналхалқӣ бесабаб дар замини Хоразми дорои гузаштаи пуршарафи беш аз сеҳазорсола баргузор намешавад. Ин воҳаи саховатманд аз гаҳвораҳои қадимии таърихи ғанӣ, фарҳанг ва ҳувияти миллии мо ба шумор меравад. Мо бо гузаштагон ва ниёгони диловар, фармондеҳони боистеъдоду моҳири ба воя расондаи ин замин чун Наҷмиддин Кубро, Ҷалолиддини Мангубердӣ, Паҳлавон Маҳмуд барҳақ ифтихор дорем.

Маълум аст, ки хелҳои варзиши халқӣ, ки дар худ таърихи халқ, суннат ва анъанаҳои миллиро таҷассум карданд, дар тарбияи насли наврас бо рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, шахсиятҳои обутобёфта, мустаҳкам кардани дӯстии байни давлатҳои ҷаҳон аҳамияти бузург доранд.

Вобаста ба ин дар мамлакати мо ба оммавикунонии бозиҳои милливу халқӣ, вусъат додани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи мазкур эътибори махсус дода мешавад. Солҳои охир як қатор қарорҳои дахлдор, аз ҷумла **Барномаи оммавикунонӣ ва рушди хелҳои варзиши халқӣ то соли 2025** қабул гардиданд.

Ташкил намудани мусобиқаҳои сезинавӣ оид ба хелҳои миллии варзиш, ҳар сол дар Тошканд баргузор кардани ҷашнвораи ҷумҳуриявии варзиши халқӣ ва дар ду сол як бор дар Хева гузаронидани Ҷашнвораи байналхалқии варзиши халқӣ дар ин самт қадамҳои муҳими амалӣ гардиданд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои ҳар кадом ноҳия ва шаҳри ҷумҳурӣ бобати рушд ва оммавикунонии хелҳои миллии варзиш ва бозиҳои халқӣ, ташкил намудани мусобиқаҳои варзишӣ барномаҳои ҳудудӣ қабул карда шуданд.

Бинобар намудҳои ҷудогонаи варзиши халқӣ низоми идоравӣ, ҳамчунин захираи варзишгарону мураббиён ташаккул дода шуд, мунтазам баргузор кардани мусобиқаҳо ва бо маблағ таъмин кардани онҳо ба роҳ монда шуданд, ки барои кори мунтазами соҳа имконият фароҳам меоваранд.

Ба ҷалби васеи ҷавонон ба машғулияти хелҳои миллии варзиш ва бозиҳои халқӣ эътибори зиёд дода мешавад. Масъалаҳои тайёр кардани мутахассисони соҳибихтисос, ташкил намудани тадқиқотҳои илмии соҳаи мазкур дар маркази эътибор қарор доранд.

Дар идомаи чунин кори мунтазам номгӯйи намудҳои миллии варзиш ва бозиҳои халқӣ тартиб дода, бобати ворид сохтани гӯштини ўзбекӣ ба Руйхати мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО оид ба бозиҳои варзиши халқиву миллӣ чораҳо андешида мешаванд.

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Аз имконият истифода бурда, ба сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ, намояндагони созмонҳои байналхалқӣ, ки дар ҷашнвора иштирок доранд, миннатдории самимӣ изҳор мекунам.

Муътақидам, ки бо саъю кўшишҳои муштарак ҷашнвораи мо дар қатори анҷуманҳои бонуфузи варзишии ҷаҳон мақоми сазовори худро пайдо мекунад.

Барои гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ, талошҳои байналхалқӣ, чемпионатҳои ҷаҳон, ҳамчунин кори пурмаҳсули конфронс, ки дар доираи ҷашнвора татбиқ мешаванд, комёбиҳо орзу мекунам.

Ба ҳамаи шумо сиҳҳату саломатӣ, бахту саодат ва дастовардҳои нав таманно дорам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ЧОРАҲОИ ЗИЁД КАРДАНИ ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***8 сентябр таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев бобати зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳа ва минтақаҳо ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор шуд.***

Дар натиҷаи ҷалби фаъоли сармояҳо ва технологияи пешқадам ба иқтисодиёт саноат мустақимона инкишоф меёбад. Тӯли ҳафт моҳи соли равон ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакат 5,7 фоиз афзуд ва ба 345 триллион сўм расид. Дар саноати электротехникӣ афзоиш 46 фоиз, дар истеҳсоли автомобилҳои сабукрав 16, дар саноати маводи сохтмон 12, дар истеҳсоли сару либоси тайёр 11 фоизро ташкил дод.

Дар куҷое, ки кор дуруст ташкил шудааст, тағйирот назаррас аст, зикр шуд дар ҷамъомад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Бандихон афзоиши саноат 45 фоиз, дар ноҳияҳои Китоб 19, Қизириқ 18, Кегейлӣ 14 фоиз мебошад. Дар 25 ноҳия ва шаҳр ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ беш аз 10 фоиз афзуд.

Умуман аз ибтидои сол дар кишвари мо 2 ҳазор лоиҳаҳои нави саноатӣ амалӣ шуданд, то охири сол бошад, барилова истеҳсоли маҳсулот ба 1 триллион сўм имконпазир аст. Чунончи, ба шарофати пеш аз муҳлат ба истифода супурда шудани корхонаи нави филизот дар кони тиллои «Писталӣ» соли равон бар илова дар ҳаҷми 840 миллиард сўм маҳсулот истеҳсол карда хоҳад шуд. Таҷҳизоти корхона ба маблағи анқариб 50 миллион доллар бо иқтидори худӣ дар пояи кооператсияи истеҳсолӣ тайёр гардид.

Вале на дар ҳамаи соҳа ва минтақаҳо имкониятҳо пурра истифода мешаванд. Аз ҷумла, дар 34 ноҳия ва шаҳр ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нисбати соли гузашта кам шуд. Дар баъзе соҳаҳо, аз ҷумла дорусозӣ, чарбу пойафзор, бофандагӣ суръати истеҳсолот ва содирот коҳиш ёфт.

Тавре ки дар ҷамъомад таъкид гардид, ба минтақаҳо барои дарёфти имконият ва захираҳои нав гурўҳҳои корӣ сафарбар карда шуданд. Чунончи, дар ноҳияи Тошлоқ муайян гардид, ки то охири сол метавон аз ҳисоби барқарор кардани иқтидори 23 корхона ва тезондани татбиқсозии 22 лоиҳаи нав барилова дар ҳаҷми 1 триллион сўм маҳсулот истеҳсол кард.

Боз як имконият ин вусъат додани кооператсияи саноатӣ дар ноҳияҳо ва истеҳсоли маҳсулоти воридотӣ мебошад.

Чунончи, Комбинати маъданҳои кўҳии Олмалиқ бо корхонаҳои саноатии маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулот ба монанди полимерҳо, қисмҳои эҳтиётӣ барои рехтагарӣ, воситаҳои кимёвӣ ҳамкориро дар ҳаҷми 1 триллион сўм ба роҳ монд. Чунин имкониятҳо дар вилоятҳои Андиҷон, Қашқадарё, Навоӣ, Самарқанд ва Хоразм мавҷуданд.

Яке аз омилҳои асосии эътидоли истеҳсолот ин сарфаи нирўи барқ ба шумор меравад. Бинобар ҳамин ҳам дар назди комиссия бо сарварии Сарвазир вазифаи коркарди эътидоли ҳармоҳаи энергетикии минтақаҳо гузошта шуд. Зарурияти қатъ накардани интиқоли энергияи электрии корхонаҳои саноатӣ бидуни огоҳии пешакӣ таъкид гардид.

Қайд шуд, ки истеҳсолот дар 232 корхонаи саноатӣ тезонида ва 210 лоиҳаи бузурги саноатӣ то охири сол амалӣ карда шаванд. Бобати истифодаи самарабахши Бунёди рушди саноат, солимгардонии корхонаҳои зараррасони саноатӣ, кумакрасонӣ ба содиргарон дар масъалаҳои нақлиёт супоришҳо дода шуданд.

Дар ҷамъомад роҳбарони соҳаҳо ва ҳокимони минтақаҳо бинобар нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва содиротии то охири сол пешбинишуда, чораҳои таъмин сохтани корхонаҳои саноатӣ бо захираҳои энергетикӣ дар давраи тирамоҳу зимистон маълумот доданд.

**ЎзА.**

***Самарқанд мизбонии як конфронси байналмилалиро бар дўш дошт, ки амнияти озуқавориро ба доираи баҳсу баррасиҳо кашид. Дар он аз 32 кишвари ҷаҳон ва 30 созмони байналмилалӣ ширкат карданд. Ин конфронс ба муносибати Рўзи ҷаҳонии ғизо, ки 16 октябр таҷлил мешавад, баргузор гардид.***

# АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ – ДАР МЕҲВАРИ КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Муассисии ин конфронси бонуфузро Ҳукумат ва Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид бар дўш доштанд. Ширкаткунандагони конфронси мазкур асосан аз вазирони кишоварзии як қатор давлатҳои Аврупо ва Осиё, дипломатҳои хориҷӣ, вакилони ниҳодҳои молиявӣ ва амсоли он иборат буданд. Гуфта шуд, ки таваҷҷўҳ ва эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амнияти озуқаворӣ аз масъалаи муҳим ва доғи рўз маҳсуб меёбад.

– Ўзбекистон кишваре, ки аз салоҳиятҳои зиёди содиротӣ бархурдор мебошад. Дар ин маврид метавон гуфт, ки он ба 70 кишвари олам маводи кишоварзӣ содир мекунад ва ин маҳсулот аз меваҳову сабзавоти гуногун иборатанд, – мегўяд вазири кишоварзии Ўзбекистон Азиз Воитов.

Иштирокчиёни конфронс дар баробари ҳузур дар бизнес-форум, мулоқотҳои дуҷониба, инчунин аз хоҷагии фермерии «Zarafshon Shiypon»-и ноҳияи Пасдарғом боздид намуданд. Баъд ба деҳаи сайёҳии «Конигил» ташриф оварданд. Дар идомаи он боздид аз ёдгории «Бибихонум», бозори Сиёб ва майдони Регистон дар меҳмонон хеле таассуроти амиқ боқӣ гузошт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**Пахта – 2023**

# ЗАФАРҲОИ АВВАЛИН

***Деҳқонони хоҷагии фермерии «Бобоҷон Амон»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қўрғони Вардонзе»-и ноҳияи Шофиркон 3 сентябри соли ҷорӣ дар қатори аввалинҳо нақшаи солонаи ба давлат супоридани пахтаро бомуваффақият иҷро карданд. Ба ҷойи 38 тоннаи пешбинишуда 38,2 тонна «тиллои сафед» супурда шуд.***

Дар рўзҳое, ки аҳли мамлакат 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ўзбекистонро ҷашн мегирифтанд, ин муваффақияти деҳқонони ҳимматбаланд ҳамаро шод кард. Ҳосилнокии майдонҳо ба 38 сентнерӣ рост омад. Ба муносибати комёбии меҳнатӣ роҳбари хоҷагӣ Амон Бобоҷонов ба чинакчиён, аъзои хоҷагии фермерӣ ва меҳмонон зиёфат ороcт. Бо чинаки аввал комёб шудани деҳқонон самараи заҳматҳои оқилона ва пай дар паи онҳост. Меҳмонони дуру наздики давра пахтакоронро ғолибро муборакбод менамуданду мурғи хаёл деҳқони пуртаҷриба А.Бобоҷоновро як лаҳза ба дуриҳо мебурд.

Гўё дирўзакак буд, ки вай дар мактаби миёнаи он вақт тоҷикии ба номи Фирдавсии деҳа таҳсил мегирифту аз ташвишҳои рўзгор хабар надошт. Таҳсил ҳам поён ёфту хидмати дусолаи ҳарбӣ дар кишвари Венгрия ҳам. Амон соли 1993 дар 35 гектар боғ ба хоҷагии деҳқонӣ ва соли 2001 ба хоҷагии фермерии «Бобоҷон Амон» асос гузошт. Ҳоло хоҷагии фермерӣ 27,5 гектар замин дорад: 1,3 гектари он чорбоғ, 13 гектараш ғаллазор ва 10,2 гектар пахтазор аст. Бояд гуфт, ки нақшаҳои солонаи ғаллаю пахта ҳар сол иҷро мешаванд. Имсол ғаллакорони хоҷагӣ гандуми навъи «Краснодар»-ро корида, ба ҷойи 32,5 тонна 33634 килограмм гандум супориданд ва плани солонаро барзиёд иҷро карданд. Ҳосилнокии майдонҳо ба 454 сентнерӣ рост омад.

Азму кўшишҳои саркор Шаҳриёр Ҳакимов, аъзои хоҷагӣ Мунира Ҳакимова, Сайёра Ҳакимова, тракторрон Давлат Юсуфов, обронҳо Дўстмурод Аҳмадов, Раҳмон Раҳмонов ва сарвари хоҷагӣ бесамар намонданд. Ҳосили фаровони барвақтӣ фароҳам омад. Ниҳоят 30 август ғунучини ҳосил оғоз ёфта, 3 сентябр марраи мурод фатҳ гардид. Ҳоло дар пахтазор ҳосил бисёр. Ҳимматбаландони хоҷагӣ ният доранд, ки ба нобудшавии пахта роҳ надода, онро то граммҳои охирин ҷамъ оваранд ва ҳосилнокии майдонҳоро ба 56 сентнерӣ расонанд.

***

Пахтакорони ноҳияи Шофиркон соли гузашта дар вилоят аввалин шуда ба марраи мурод расида буданд. Онҳо ният доранд, ки имсол низ ба давлат камаш 32,8 ҳазор тонна пахта супоранд. Мавсими ғунучин акнун оғоз ёфта бошад ҳам, дар ноҳия аллакай хоҷагиҳои фермерӣ пасу пеш нақшаи солонаро иҷро мекунанд. Аз ҷумла, хоҷагии фермерии



«Исломбобо» (аз ҳудуди «Ҷўйработ») ва ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Умарбек сервис» (аз ҳудуди «Шарофбобо Ҳамроев») аввалин шуда ба марраи мурод расидаанд.

Дар вилоят маъракаи ғунучини пахта бо суръати баланд идома дорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ДАХЛНОПАЗИРИИ ҲУҚУҚИ МУЛК – БОИСИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ

***Дахлнопазирии мулк ин соҳиби сарвати худ будан ва доштани ҳуқуқ барои истифодаву идораи он мебошад. Ин ҳуқуқ ба одамон имкон медиҳад, ки аз мулки худ озодона истифода бубаранд, вай ба онҳо баробариро дар назди қонун фароҳам меоварад.***

***Воқеан, мулкдор танҳо дар мавриди боэътимод ҳифз карда тавонистани амволаш сармоя ба даст оварда метавонад. Соҳибкор барои инкишоф додани тиҷорати худ бо тамоми имконият саъю ҳаракат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки баробари даромади мулкдор иқтисодиёти давлат ҳам инкишоф меёбад.***

Бесабаб нест, ки солҳои охир дар кишвари мо барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон чораҳо андешида мешаванд. Пурзӯр шудани ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорону барои онҳо фароҳам омадани бисёр имтиёз ва сабукиҳо кормандони соҳаро нафақат рӯҳбаланд мекунад, балки барои рушди иқтисодиёти мамлакат, таъмин сохтани фаровонҳолии халқ аҳамияти махсус касб менамояд.

Бинобар имкониятҳои хубе, ки тайи 6 соли охир ба вуҷуд омаданд, миқдори субъектҳои соҳибкорӣ 6 баробар афзуд ва имрӯз шумораи онҳо ба 2 миллион расидааст. Миқдори соҳибкороне, ки даромадашон аз 1 миллион доллар гузашт, ба 26 ҳазор нафар расид, даромади 220 соҳибкор бошад, 100 миллион долларро ташкил дод.

Бояд эътироф кард, бо вуҷудиислоҳоте, ки барои ҳифзи мулки хусусӣ амалӣ мешаванд ва чораҳое, ки дар соҳа татбиқ мегарданд, дар мамлакат ҳанӯз мушкилот ва низоъҳои вобаста ба мулки хусусӣ ҷой доштанд. Чунончи, дар асоси қарори ғайриқонунии мансабдори мақомоти давлатӣ мулки хусусиро дар шакли «снос» гирифта мондан, ҷуброн накардани зарари ба соҳиби мулк расонидашуда, бинобар сабабҳои беасос вайрон кардани амволи ғайриманқул барин ҳодисаҳо боиси эътирози ҳаққонии мулкдорон мегардиданд.

Дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи суду ҳуқуқ, аз ҷумла ҷорӣ гардидани меъёрҳои ҳаётбахши Сарқонун дар таҳрири нав таҳкими кафолати ҳуқуқи амвол, ҳифзи он дар судҳо ва дахлнопазириаш таъмин гардид. Аз ҷумла, бори аввал дар Сарқонун имконпазир будани мулки хусусӣ гардидани замин дар назар дошта шуд. Меъёри мазкур ҳамчун навгонии воқеии Қонуни асосӣ холигоҳи муносибатҳои вобаста ба мулкдориро пур кард.

Баробари ин мушаххас карда шуд, ки бидуни қарори суд ва бар хилофи қонун аз манзил маҳрум кардани мулкдор манъ аст, ба соҳиби мулк, ки аз хонаву ҷояш маҳрум шудааст, мувофиқи қонун маблағ ба арзиши баробари зарари расонидашуда баргардонида мешавад.

Дар ин бобат нисбати соҳибони манзил 2 навъи муҳими кафолати конститутсиявӣ муайян карда шуд: инҳо кафолати суд ва кафолати пардохти ҷубронпулӣ ба шахси аз хонаву ҷойи худ маҳрумгардида аст. Кафолати суд маънои бидуни қарори суд аз ҳуқуқи амвол маҳрум накардани мулкдорро дорад. Дар ин маврид ҳолатҳое, ки аз ҳуқуқи амвол маҳрум кардани мулкдор аз ҷониби суд мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонуни дарамал ба тарзи ҳаққонӣ дида шудаанд, сабаб мегарданд. Бешубҳа, тартиби мазкур кафолат медиҳад, ки мулкдор дар ҳама гуна ҳолат бидуни асос аз ҳуқуқи амвол худ маҳрум карда нашавад.

Кафолати дуюм, яъне баъди аз манзили худ маҳрум шудан ба соҳиби мулк додани кафолати пардохт бинобар он, ки ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии мулкдор нигаронида шудааст, сазовори эътибор мебошад. Меъёри мазкур қонунан кафолат медиҳад, ки ба соҳиби хонаву ҷой зарари расонидашуда баробари арзиши он ҷуброн карда шавад.

Ғайр аз ин ба мақсади ҳифзи мулки хусусӣ ва таъмин сохтани дахлнопазирии он тартибот, талабот ва монеаҳое, ки ба истифода бурдан, тасарруф кардани мулки хусусӣ бевосита ё бавосита алоқаманд мебошанд, бекор карда шуданд.

Чунончи, ҳуҷҷатҳое, ки барои ба миён омадани ҳуқуқи соҳиби қитъаи замин гардидан асос мешаванд, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Девони Вазирон, мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ аз ҷониби худи онҳо ё худ мақомоти болоӣ ва мансабдорон, бахусус аз тариқи эътирози прокурор ба амалиёти бекор кардани ҳуқуқ бинобар қитъаи замин барҳам дода шуд. Мушаххас гардид, ки ҳуҷҷатҳои мазкур танҳо аз ҷониби суд бекор карда ё худ ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд.

Агар ба тарзи хулоса гӯем, дар Сарқонун тамоюлҳои дахлнопазирии амволи мулкдор мустаҳкам карда шудааст, вай худсарона ва бар хилофи қонун гирифтани амволи соҳиби мулк роҳ намедиҳад, ҳолатҳои истифода аз онҳоро таъмин менамояд. Ин ба мулкдор барои соҳиби амволи худ шудан ва аз он истифода бурдан замина фароҳам меоварад, ҳамчунин эътимоди онҳоро ба давлат мустаҳкам месозад.

Зеро ҳифзи амвол шарти муҳими инкишоф додани соҳибкорӣ ва ҷалб намудани сармоя ба шумор меравад. Танҳо дар мавриде, ки соҳибкор ва сармоягузор ба мувофиқи қонун ҳифз гардидани амволи худ эътимод ҳосил мекунанд, далерона пеш мераванд, ин бошад, дар навбати худ ба тараққиёти иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд.

**Адҳам ШОДМОНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



*Соли равон дар шаҳри Қувасойи вилояти Фарғона дар 750 гектар замин ба роҳ мондани обёрии қатраӣ, дар 350 гектар майдони зироатӣ усули дискрет пешбинӣ шудааст.*

*Имрӯз дар 48 хоҷагии фермерии боғдории минтақа усули обёрии қатраӣ ба роҳ монда шуд. Қувасоиҳо соли гузашта аз рӯйи парвариши себ дар вилоят ҷойи аввалро ишғол намуда буданд. Соли ҷорӣ низ ҳосилдории боғҳои Қувасой касро хурсанд мекунад. Ҳоло дар себзору анорзор мавсими ҷамъоварии ҳосил дар авҷ. Чунин обёрии замонавӣ боиси серҳосилии дарахтон мегардад.*

***Дар сурат:** роҳбари хоҷагии боғдории «Кӯпайсинобод» Шокирҷон Қараев дар 13, 3 гектар майдон боғ бунёд намудааст.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. (ЎзА).***

# ТУҲФАҲОИ ИДОНА

***Ба шарафи ҷашни истиқлол дар ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё расми кушоиши як қатор коргоҳҳои нав ва аз таъмири кулл беруномада баргузор гардид, ки барои мардуми ин қаламрав армуғони хуби идона гашт.***

Аз ҷумла, варзишгоҳи марказии ноҳия, ки солҳои дароз ба таъмир муҳтоҷ буд, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ тармим гашта, дар хидмати мардум қарор гирифт.

Ифтитоҳ ёфтани як коргоҳи хусусии дӯзандагӣ дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Янгиқурулиш» бошад, беҳтарин туҳфаи идона буд, ки мардуми ин маҳалларо хеле хурсанд сохт. Ин сехи дӯзандагӣ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Элбек Диёров бунёд ёфтааст, ки дорои 70 ҷойи корӣ аст. Соҳибкор барои сохтани ин коргоҳ аз ҳисоби худ зиёда аз 2 миллиард сӯм масраф намудааст. Элбек Диёров гуфт, аз имконоте, ки ҳукумат дар ин авохир барои соҳибкорон ва ривоҷ додани соҳибкории инфиродӣ фароҳам овардааст, хеле мамнун мебошад ва талош хоҳад варзид, ки минбаъд коргоҳи худро васеъ сохта, ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоварад. Ҳукумати маҳаллӣ барои рӯҳбаланд намудани ин соҳибкор 100 миллион сӯм маблағи имтиёзнок ҷудо намуд, ки ба харидани таҷҳизоти дӯзандагӣ сарф шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҷамоати шаҳрвандони «Кӯктош»-и ноҳия расми кушоиши бинои нави ин маҳалла баргузор шуд ва ба иди ҳақиқие мубаддал гашт. Аммо ба истифода супорида шудани бинои наву замонавии мактаби миёнаи рақами 9-ум туҳфаи беҳтарини идона буд, ки дар ин рӯзҳо иттифоқ афтод. Ин дабистон аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ сохтаву мавриди истифода қарор ёфт. Дар тантанаҳои расмии кушоиши он тамоми раҳбарони секторҳо ва фаъолони меҳнату аҳли маориф ширкат доштанд.

32-юмин солгарди ҷашн бо тантанаҳои хосу тӯҳфаҳои беҳтаринаш дар ёди мардум, аз ҷумла, бошандагони ноҳияи Чироқчӣ абадан хоҳад монд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**



*Бино ба гуфтаи роҳбари корхонаи «Ice milk bif», соҳибкор Фазлиддин Дадаҷонов, ки дар минтақаи саноатии хурди «Ёшлар» фаъолияти худро оғоз намудааст, аз бонк гирифтани 387 ҳазор доллари ИМА имконият дод, ки лоиҳаи истиқболнокро амалӣ гардонад. Мувофиқи лоиҳа, дар асоси технологияҳои замонавитарин истеҳсоли зиёда аз даҳ намуди яхмосро ба роҳ монда, 40 ҷойи кориро ба вуҷуд овард. Занону духтароне, ки шомили «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» буданд, ба кор ҷалб карда шуданд.*

***Дар сурат:** дар корхонаи «Ice milk bif».*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. (ЎзА).***

# СОҲИБКОРОН БА СОҲАИ ТАЪЛИМ БЕФАРҚ НЕСТАНД

***Дар кишварамон соҳибкороне ҳастанд, ки маблағи худро натанҳо барои фарвонии рӯзгори худ, кумак ба маълулону дармондагон, балки барои соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа сарф намуда, сиёсати ҳукумати феълиро дар робита ба баланд бардоштани сифати таълим амалан тақвият медиҳанд.***

Дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Ойдин»-и ноҳияи Нишони вилояти Қашқадарё филиали мактабе мавҷуд буд, ки соҳиби 80 ҷойи хониш ва илова бар ин солҳои охир ба таъмири кулл ниёзманд гашта буд. Ҳолати риққатовари мактаб боиси эътирози барҳақи волидон мешуд. Ин бинои мактаб аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Нурбек Эргашев, ки роҳбари Коргоҳи дорои масъулияти маҳдуди «Султон текс» аст, дар муддати кӯтоҳе бознигарӣ шуда, ба як маскани илму маърифатомӯзии ободе мубаддал гашт. Соҳибкори саховатманд ба дабистони мазкур биноҳои наве изофа намудаву шумори ҷойи таҳсилро ба 160 расонд ва кунун маҳаллаи «Ойдин» соҳиби мактаби наве шуд, ки дар феҳрасти Шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия таҳти рақами 44 сабти ном гардид. Ин амали неки соҳибкор дар оғози соли хониш ба кулли донишомӯзони маҳаллаи мазкур туҳфаи хубу хотирмоне шуд. Ҳоло дабистони мазкур соҳиби ҷиҳози комилан наву замонавии хониш, китобхонаи алоҳидаи ҷавобгӯйи меъёр, синфи муҷаҳҳази компютерӣ, дафтарҳои алоҳидаи вобаста ба омӯзиши касбу ҳунар ва майдончаи варзишии минифутбол мебошад. Дар расми кушоиши ин мактаб ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов ширкат варзида, хидматҳои соҳибкор Нурбек Эргашевро дар робита ба ҳамовозиаш ба қарору мурочиатҳои Президент барои пешбурди соҳаи таълим ситоиш намуд ва намунаи беҳтарини масъулияти як шаҳрванд дар назди халқу Ватан номид.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

***Дар мактаби варзишии рақами 2-юми бачагон ва наврасони ноҳияи Ҷондор қабули сайёри ҳокими вилояти Бухоро ба амал омад. Дар он мутасаддиёни ҳокимиятҳои вилояту ноҳия, роҳбарони секторҳо, корхонаю ташкилот ва садоратҳо иштирок карданд.***

# МУРОҶИАТҲО САРИВАҚТ ҲАЛЛУ ФАСЛ МЕШАВАНД

Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки аксарияти муроҷиатҳои шаҳрвандон дар нимсолаи аввал ба туфайли қабулҳои сайёр ҳалли худро меёбанд. Аз ин рӯ, дар қабули сайёри навбатӣ ба ғайр аз аҳолии ноҳия аз дигар ҳудудҳо низ шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои худ ин ҷо омаданд.

Ҳамин тариқа дар ҷараёни қабул беш аз 150 нафар шаҳрвандон оиди корёбӣ, таъмири роҳ, таъминоти оби равону ошомиданӣ, ҷобаҷогузории симчӯбҳои барқию иваз намудани трансформаторҳо, ташкил кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ, таълим, ҳифзи тандурустӣ, хонаю ҷой, ёрдами моддӣ, бонк, андоз, дастгирӣ кардани соҳибкорӣ, суд ва ҳуқуқ барин қариб 200 масъала муроҷиат намуданд. Дар ҷараёни қабул ба ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, бартарафсозии масъалаҳое, ки онҳоро ба ташвиш овардааст, пойдории меъёрҳои адолат эътибори ҷудогона дода шуд. 97 нафари муроҷиаткунандагонро шахсан худи ҳокими вилоят қабул кард ва он масъалаҳоеро, ки имконияташон буд, худи ҳамон лаҳза бартараф гардонд. Он муроҷиатҳое, ки ҳаллу фаслашон вақт ва маблағ мехоҳад, ба назорат гирифта шуд ва иҷрои саривақтии онҳо ба мутасаддиёни дахлдор ҳавола гардид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### ИНСТИТУТИ НАВ ДАР ҲУЗУРИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ

***Саломатӣ неъмати бебаҳост. Баҳри боз ҳам хушсифат гардондани хидматрасонии тиббӣ, ба роҳ гузоштани тарзи солими зист ва ҷонноксозии фаъолияти ҷисмонии аҳолӣ дар мамлакатамон чораҳои амалӣ андешида мешаванд.***

Ба наздикӣ таҳти фармони роҳбари давлати мо дар ин самт боз як ҳуҷҷати муҳим имзо гашт: Маркази дастгирии тарзи солими зиндагӣ ва афзунсозии фаъолнокии ҷисмонии аҳолӣ ба Институти рушди солимӣ ва стратегӣ табдил дода шуд.

Ташаккул додани тарзи солими зист, кор карда баровардани барномаҳо ва татбиқи онҳо оиди мубориза алайҳи бемориҳое, ки гузаранда нестанд, тарғиби тарзи солими зист, андешидани чораҳои маҷмӯӣ оиди мубориза алайҳи одатҳои зарарнок ва ташаккул додани маданияти тиббии барқарор ва ба амал баровардани онҳо, дар асоси таҷрибаи пешқадам ва мақбули хориҷӣ кор карда баровардани таклифҳо дар роҳи ҷорӣ сохтани стандарт ва методикаҳои замонавии тиббӣ аз вазифаҳои асосии ин институт мебошад.

### ТАРКИБИ ШӮРО ДИГАРГУН ГАШТ

***Соли гузашта Шӯрои ҷамоатӣ оиди пуштбонии соҳибкорӣ дар ҳузури Президент ташкил гардида ва 22 нафар ба таркиби он дохил шуда буданд. Таклифҳо ба миён омаданд баҳри бартарафсозии монеъаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ва самаранок ба амал баровардани ташаббусҳо дар ин самт таркиб нав карда шавад.***

Чунин таклифҳоро Президент ба инобат гирифт. Аъзои Шӯро аз 22 нафар ба 30 нафар расонда шуд.

Акнун Шӯро ҳар моҳ камаш як маротиба ҷамъомад мегузаронад. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо, ки баҳри ба тартиб андохтани ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ тартиб дода мешаванд, то вогузор шуданашон ба назорати экспертизаи ҳуқуқии Вазорати адлия дар ҷамъомадҳои Шӯро баррасӣ мегарданд.

### АЗ ИСТАНБУЛ – БО ПИРӮЗӢ

***Ҷамоаи яккачини Ўзбекистон дар чемпионати XVIII ҷаҳон миёни мардон аз рӯйи варзиши муҳофизат аз сӯхтор, ки дар шаҳри Истанбул баргузор гардид, муваффақият ба даст овард.***

Аз рӯйи бо нардбон ба ошёнаи чаҳорум баромадан ҷойи савум, аз рӯйи давидан байни монеъаҳо дар масофаи 100 метр ҷойи савум, аз рӯйи эстафетаи оташхомӯшсозӣ ҷойи якум, аз рӯйи паҳншавии ҷанговарона ҷои савумро гирифта, варзишгарони ўзбекистонӣ ба ҳисоби умумиҷамоавӣ ҷойи аввалро ишғол намуданд.

Дар мусобиқот бештар аз 20 ҷамоа аз ҳамаи қитъаҳо қувва санҷид. Дар вазъи тантанавӣ ба ҷамоаи мо Ҷоми чемпионҳои ҷаҳон супурда шуд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# БА ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА САРМОЯҲОИ ХОРИҶӢ ҶАЛБ МЕШАВАД

***Ҷалби ҳарчи бештари сармояҳои хориҷӣ дар боло рафтани иқтисодиёт ва некӯаҳволии мардум, инчунин фароҳам овардани ҷойҳои нави кор аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад. Президент низ ҳамеша аз ҳокимони шаҳру вилоятҳо тақозо менамояд, ки талошҳои худро баҳри ҷалби сармояҳои хориҷӣ тавсеа бахшанд. Дар ин замина вилояти Фарғона дар радифи шаҳру вилоятҳои дигари кишвар ба дастовардҳо ноил шудааст.***

Солҳои охир имкони амалӣ кардани тарҳҳои бузург дар соҳаҳои хоҷагии халқи ин вилоят бештар имконпазир гаштааст.

– Дар натиҷаи фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ танҳо соли гузашта ба иқтисодиёти вилояти мо 957,4 миллион доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардид. Ин нишондиҳанда дар шаш моҳи соли равон 436,6 миллион долларро ташкил медиҳад, – мегӯяд ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров.

Яке аз соҳаҳои азиме, ки дар вилоят боиси таваҷҷӯҳи ҳарчи бештари сармоягузорон ва шарикони хориҷӣ гаштааст, соҳаи тиб мебошад. Ба гуфтаи ҳокими вилоят, намунаи лоиҳаҳои умдаеро, ки дар соҳаи тибби вилоят бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ амалӣ мегарданд, хеле зиёд номбар кардан мумкин аст.

Вақте ки як ҳайати вилояти Фарғона ба кишвари Ҷопон сафари корӣ намуд, ин сафар натиҷаҳои хеле зиёд ба бор овард. Зеро он густариши ҳамкориҳои байниминтақавиро ҳадаф қарор медиҳад. Дар ҷараёни ин сафари ҳайат панҷ созишномаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 81,5 миллион доллар ба имзо расидааст.

Ҳуҷҷатҳое, ки ба имзо расидаанд, барои вилоят ва мардуми он хеле муҳим мебошанд. Аз ҷумла, чунин созишнома бо мудирияти «AOIKAI Medical Corporation» анҷом пазируфтааст. Он аз корпоратсияҳои маъруфу машҳури тиббии Ҷопон муаррифӣ мешавад, ки фаъолиятҳояшро ба табобати бемориҳои онкологӣ низ нигаронидааст.

Бояд алоҳида қайд намуд, ки тавассути маблағи ин корпоратсия дар маҳаллаи Экошаҳри шаҳри Фарғона бо арзиши 60 миллион доллар як лоиҳаи васеъмиқёс татбиқ гардидааст. Ғайр аз ин, боз созишномаи сармоягузорӣ ҷиҳати таъсиси беморхонаи байналмилалии тиббӣ ва донишгоҳи тиббӣ низ ба имзо расидааст. Ҳамчунин, бо ин корпоратсия дар шаҳри Фарғона тарҳи таъсиси маркази таълимии ҳамшираҳои шафқат ба маблағи 3 миллион доллар ва роҳандозии муҳоҷирати муназзами кории хатмкунандагон ба Ҷопонро амалӣ хоҳад кард.

Боз аз сафарҳои ҳайати ҳокимияти вилоят ҷиҳати ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва пайдо кардани ҳамкорони нав ташриф ба Олмон ва Утришро метавон мисол овард. Натиҷаи ин сафар нишон медиҳад, ки дар шаҳри Фарғона байни Донишгоҳи тиббии Осиёи Марказӣ ва клиникаи Донишгоҳи Мангейм созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидааст.

Ҳокими вилоят дар ин замина тазаккур медиҳад, ки ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами Олмон дар рушди системаи тиббии минтақавӣ, рақамикунонии системаи тандурустии минтақавӣ, ба омӯзиш фаро гирифтани табибони Фарғона дар Олмон ва роҳандозии табодули таҷриба, ба роҳ мондани барномаҳои муштараки таълимӣ миёни шуъбаҳои нигаҳдории тандурустии вилояти Фарғона дар меҳвари ин сафар қарор гирифт.

Дар ҳамин ҳол байни Донишкадаи тиббӣ ва Донишгоҳи Мангейм ҳамкории бисёртарафа, аз қабили мубодилаи муаллимон, ташкили конференсияҳои илмӣ ва гузарондани тадқиқоти илмии муштарак ва амсоли он ба роҳ монда шудаанд, ки натиҷаҳои хурсандибахшро ба бор меоваранд.

Дар доираи барномаи муштараки таълимии 2+1 дар Донишкадаи тиббии саломатии ҷомеаи Фарғона бо ширкати дигари олмонии «OPASCA GmbH» ташкил намудани курси бакалаврии «Ҳамшираҳо»-ро ба нақша гирифтааст. Дар ин замина аллакай созишномаи ҳамкории дуҷониба ба имзо расида, барои ба анҷом расониданӣ ин нақша корҳои доманфарох идома доранд.

Дар шаҳри Фарғона як гектар майдон барои бунёди шаҳраки табобатӣ-солимгардонӣ ҷудо карда шудааст, ки арзиши лоиҳавии он 8,72 миллион долларро ташкил менамояд. Дарвоқеъ, дар солҳои охир вилоят барои барқарор намудани саломатии кӯдакон эътибори ҷиддӣ медиҳад. Дар ҳамкорӣ бо ширкати кувайтии «Gulf Care General Trade» татбиқи лоиҳаҳои сохтмони лабораторияи марказонидашуда ва маркази радиологӣ арзи вуҷуд кардааст. Он бо ҷалби табибони кувайтӣ анҷоми амалиёти ҷарроҳии мураккаби кӯдакони оилаҳои ниёзманд ва камбизоатро барномарезӣ кардааст. Инчунин тавассути ин марказ табибони шифохонаҳои вилоят ба Кувайт барои мубодилаи таҷриба фиристода мешаванд.

Бардоштҳо аз раванди ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба вилояти Фарғона ва татбиқи лоиҳаҳои гуногун нишон медиҳанд, ки ҳар як сармоягузори хориҷии ба Фарғона ташрифоварда пеш аз ҳама бо имконияту имтиёзҳои барои онҳо фароҳам аз наздик ошно мешавад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Машъалафрӯзони маърифат

# БОНУЕ ПУРТАЛОШ



*Занон мардона гоҳо ишқ варзанд,*
*Заифиҳои мардонро чӣ гӯям?!*

***Лоиқ ШЕРАЛӢ***

*(Очерк)*

Тӯли фаъолияти хабарнигорӣ бо як зумра занҳои маърифатпарвару пешоҳанг низ ҳамсуҳбат шудаам, ки ҳар кадоме донишу ҷаҳонбинӣ ва тинату хислатҳои гуногун доранд. Яке аз онҳо Амина Шарофиддинова аст, ки ҳикояти ман аз рӯзгори пурбаракат ва пургиреҳу ибратбахши ӯ муште аз хирвор асту халос.

Бо талабу талоши равшанфикрон мисли Амина рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» ва як саҳифаи рӯзномаи «Шарқ тонги» (ҳоло «Гулобод тонги») ба тоҷикӣ интишор ёфт.

Чанд тадбири фарҳангӣ, ки дар Самарқанд ба вуқӯъ пайвастааст, ташкилкунандааш ӯ буд. Дар мактабҳо вориди синфхонаҳо гашта, дарсҳои ӯро мушоҳида намуда, хостам аз боби таҷрибаи пешқадамаш нависам, аммо муяссарам намешуд. Зеро шояд аз хоксорӣ «лозим нест» мегуфт. Одате дорад, ки касе комёбиҳояшро зикр кунад, ноороҳат мешавад.

Соли 2017 чанд воқеоти ғайричашмдошт рух дода, бароям таконе бахшиду ба зиндагиномааш назар афканда, ба хулоса омадам, ки чӣ бойгонии ғанӣ ва меҳнати фидокорона, ҷоннисорӣ ба хотири рушди забону фарҳанги аҷдодӣ, маърифату маънавияти мардум дорад ӯ.

Амина зодаи хонадони аҳли фазлу зиёи деҳаи Қалъабоғи ноҳияи Самарқанд аст.

Чун модараш мехост, вай ниҳоят барвақт ба сӯзану ресмон часпида, аллакай як ҷойнамозро дӯхта буд, ки ба баҳои 40 ё 45 сӯм модараш фурӯхт. Инчунин дар ҷиҳак (қоҳма)-дӯзӣ низ маҳорати баланде дошт.

Бобояш Исмат Неъматов, ки деҳқони асил буд, қитъаи зиёди корам ва токзору боғҳое дошту наберааш – Амина дар ҳар кори кишоварзӣ яке аз ёрдамчиёни беминнату пурғайрати ӯ буд.

Бо вуҷуди шӯху беқарорӣ дар донишандӯзӣ намунаи ибрат буд ва дар мутолиаи осори нависандагон завқи баланде дошт. Аз хурдӣ китобхониро дӯст медошт. «Мартин Иден»-и Ҷек Лондон, «Дар ба дар»-и Малик Хаимов, «Кӯчаи писари хурдӣ»-и Лев Кассил, «Чаманоро»-и Рашод Гунтегин, «Дон Кихот»-и Мигел де-Сервантес ва даҳҳои дигарро маҳз дар айёми мактабхонӣ бо завқ мутолиа кардааст. Нисфишабҳо модараш бедор шуда, ӯро дар сари коғазу қалам дида, маҷбур мекард, ки каме хобида истироҳат кунад ва ба ин хотир чароғро хомӯш мекард.

Дар корҳои ҷамоатии мактаб хеле фаъол буд. Ин буд, ки ҳар сол сазовори ифтихорномаю нишонҳои сарисинагӣ мегашту аксаш дар тахтаи фаъолони мактаб ҷой дошт. Мактаби миёнаи рақами 95-уми ба номи Мирзо Турсунзодаи деҳаи Хаймарро бо медали тилло хатм намуд.

Бо як имтиҳон шомили Донишкадаи омӯзгории ба номи Садриддин Айнии Самарқанд гардид.

Рӯзе, ки диплом дар даст ба хона омад, падар ба сифати шукрона соати дастиеро барояш ҳадя карду ишора кард, ки ҳар лаҳзаи ҳаётатро бояд аз рӯи ин соат нақшагирӣ намоӣ, ки ягон дақиқааш зоеъ нагардад.

Баъд аз ду соли омӯзгорӣ ба вазифаи услубшиноси шуъбаи таълими халқӣ ба кор пазируфта шуд. Дертар ба Донишкадаи такмили ихтисоси ходимони педагогии вилоят ба кор даъват карданд. Бар зиммааш вазифаи равоншиноси забон ва адабиёти тоҷикро гузоштанд.

Ҳар сол дар озмунҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ чӣ аз забону адабиёт ва чӣ забони форсӣ шогирдонаш иштирок намуда, ҷойҳои фахрӣ насибашон мегашт. Соли 1997-ро аз хотир наметавон фаромӯш кард, ки 12 нафар духтару писарони мактаб бахшида ба 850-солагии Фаридуддини Аттор ва 790-солагии Ҷалолиддини Балхӣ чӣ навъ Аттору Шайхи Санъонро зинда гардонида, рӯи саҳна оварданд ва бо маҳорати суханрониву шеъргӯӣ, сурудхониву саҳнаороӣ мухлисони каломи бадеъро мафтун гардониданд. Чунин муваффақиятҳоро дар озмунҳои «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Шоҳномахонӣ» низ ба даст овардаанд.

Зиёрати осорхонаи Рӯдакӣ, Шингу Ҳафткӯл дар Панҷакент, хона-музеи устод Айнӣ, қабри Пайрав ва дигар алломаҳо дар Самарқанд як умр дар хотири шогирдон аст.

Хушбахтона, бо ташаббуси ӯ ва чанд нафари дигару дастгирии Вазорати таълими халқ дар қатори фанҳои дигари озмунҳои фаннии мактабиён озмуни забон ва адабиёти тоҷик низ ба амал ҷорӣ карда шуду соли 1989 ғолибони озмунҳои вилоятӣ ҳуқуқи дар миқёси ҷумҳурӣ қувваозмоӣ карданро ба даст дароварданд. Он ду сол паи ҳам дар Самарқанд гузаронида шуд.

Ӯ соли 1990 бо унвони «Аълочии маорифи халқ» сарфароз гардид.

Бахри кушодани синфҳои тоҷикӣ дар мактаби рақами 9, ки воқеъ дар маҳаллаи Арабхонаи ноҳия, тақрибан панҷоҳ хонадонро дар ба дар гашта, бо волидайн суҳбат ороста, хоҳиши онҳоро дар ин бора омӯхтааст. Дар мактабҳои рақами 2 ва 23 низ синфҳои нахустини тоҷикӣ кушода шудаанд.

Ин ҷо бояд ёдрас шуд, ки китобҳои «Забони модарӣ» барои синфҳои 7, «Воҳидҳои фразеологии осори Айнӣ», ки ба тозагӣ аз нашр баромадааст, ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Вай муаллифи қариб сад мақолаи илмию оммавӣ, услубӣ ва публисистӣ, муҳаррири даҳҳо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмӣ-омӯзишӣ мебошад.

Гарчанде худ ниҳоят китобҳои зиёдеро дар бойгониаш дорад, бо вуҷуди он ҳарчи бештар ӯро ташнаи асарҳои тозанашр мебинӣ. Зуд-зуд ба китобхонаҳо рафта, соатҳои тӯлонӣ сари мутолиа менишинад. Ҳоло ҷои дӯстдоштааш маҷмӯаи «Олами китоб»-и Самарқанд аст.

Аз модаркалонаш Ёдгора Неъматова, падараш Сироҷиддин ва модараш Ҳалима, инчунин муаллимаи дӯстдоштааш Рашида Шайкамоловна сипосгузор аст, ки меҳри беандоза ба мутолиа ва ҳадя кардани асарҳои адибонро аз эшон ба мерос гирифтааст.

– Истиқлолият моро имконияти ҳастӣ дод, ҳастии миллии бошарафона ва пур аз ифтихор, – бо ҳисси шодмонӣ мегӯяд ӯ. – Ҳоло шароит фароҳам омада, ки барои шинохти асолати таърихӣ, мақому мартабаву ҷойгоҳи худ бо ҳисси масъулиятшиносӣ саъй намоем.

Соли 2021 муаллима ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон пазируфта шуда, дар Душанбе китоби навбатияш бо номи «Дар ҳасрати фаҳми дуруст» аз чоп баромад.

Вай бақои умри худро ҳам дар илму ҳам дар оила ёфтааст. Ба назари ӯ оила маконе мебошад, ки дар он ҷисму равони кас таскину оромиш меёбад. Аз рӯйи нақлаш дар тарбияи Ҷавлону Комрону Ҷовидон ниҳоят сахтгир будааст, зеро ҳамсар муддати тӯлонӣ бо вай набуд ва бо дасттанҳоӣ ҷигаргӯшаҳоро ба по кардааст. Имрӯзҳо вай соҳиби се арӯсу чаҳор набераи ширин мебошад.

– ... Ҳар бор Душанбешаҳрро бинам, беш аз пеш ободтару зебо ва дилнишин меёбам. Кишвар чунон гулпӯш аст, ки аз тамошои лолаҳои рангорангу дарахтони манзаравии он дилҳо ба завқ меоянд. Бунёди биноҳои азим касро мафтун месозанд. Шаҳр ба сони кишвари худамон ғарқи бунёдкорист. Сайру зиёрати боғҳои Рӯдакӣ, Ирам, Айнӣ, қабристони Лучоб, баҳрабардорӣ аз Китобхонаи миллӣ, музею театрҳо, муассисаҳои илмию таълимӣ, суҳбатҳо бо бузургон басо муфид асту ҳаловатбахш...

Мо ба ин мусофири роҳи маърифату ҳақиқат, ки рӯзҳои наздик 60-сола мешаваду дар сар нақшаҳои бузургу орзуҳо дар дили пурэҳсосаш зиёданд, комёбӣ ва дуои пирони рӯзгордидаро таманно дорем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

9 сентябр – Рӯзи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон



*Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе.*

# «ИФТИХОРНОМА»-ҲО СУПОРИДА ШУДАНД

***Ба шарафи 32-юмин солгарди касби истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар сафорати ин ҷумҳурӣ дар Ӯзбекистон ҷамъомад баргузор гардид. Дар он як гурӯҳ олимон, адибон, журналистон, кормандони соҳаи фарҳанг, соҳибкорон ва донишҷӯён ширкат намуданд.***

– Дар саросари Тоҷикистон ҳар сол 9 сентябр ба ҳайси рӯзи муборaку фархунда – рӯзи истиқлоли Ватани азизи мо таҷлил мешавад. Ин маҳфили мо низ маҳз дар арафаи ҳамин санаи муҳим баргузор шудааст. Дар партави истиқлол кишвари мо таҳти роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле ободу зебо гардида, ҳаёти мардум рӯ ба нишоту фаровонӣ овардааст, – гуфт Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода.

Вай афзуд, ки баъди дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сари қудрат омадани муҳтарам Шавкат Мирзиёев риштаҳои дӯстии тоҷикону ӯзбекон дубора барқарор ва равуо ба марзи ҳамдигар ба маҷрои аввалаи худ баргашт. Дар соҳаҳои гуногун ду кишвар ҳамкориҳои доманфарохеро ба роҳ мондаанд. Натиҷа нишон медиҳад, ки ин ҳамкориҳо ба нафъи мардумони Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошанд.

– Иштирок дар чунин маҳфил барои ман боиси ифтихор мебошад. Ӯзбекистон пешрафт ва дастовардҳои кишвари ҳамҷавори Тоҷикистонро ҳамеша бо хушҳолӣ мепазирад. Гузашта аз ин, барои он дастовардҳое, ки кишвари мо ноил гардидааст, Тоҷикистон низ саҳми худро дорад. Бо истифода аз фурсат тамоми мардуми Тоҷикистонро бо 32-юмин солгарди иди истиқлолият табрику шодбош мегӯям. Умедворам, ки риштаҳои дӯстии ӯзбекону тоҷикон беш аз пеш мустаҳкам ва домани ҳамкориҳои ду кишвари ҳамҷавор фарохтар хоҳад шуд, – изҳор намуд мудири шуъбаи Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон Фахриддин Набиев.

Дар идомаи маросим як гурӯҳ олимон, журналистон, адибон, фарҳангиён, соҳибкорон, донишҷӯён ва амсоли он бо «Ифтихорнома»-ҳои сафорати Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Сафири Тоҷикистон боз эълон кард, ки чаҳор нафар пешоҳангони соҳаи таълими халқи Ӯзбекистон бо нишони сарисинагии «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва се нафар кормандони соҳаи фарҳанг ба гирифтани нишони сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушарраф шудаанд.

Шоми 7 сентябр сафорати Тоҷикистон ба шарафи Рӯзи истиқлол зиёфати идона барпо намуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,***
***профессор***

# САДОҲО АЗ ЖАРФОИ ТАЪРИХ

***(Пурсиш ва посух аз гузаштагони бузург)***

*(Эссе)*

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои № 68, 69, 71).**

## ПУРСИШ ВА ПОСУХ АЗ ҲАКИМ НОСИРИ ХУСРАВ (1004-1088)

Ҳакими бузург! Тақдир ва сарнавишти талхи шуморо пасовандонатон дар асри XXI хеле хуб медонанд. Медонанд, ки Шумо асосгузори жанри илми таърихии «Сафарнома» на танҳо дар фарҳанги форсизабонон, балки аврупоиён ҳам эътироф шудаед. Аз саромадон ва мутафаккирони барҷастаи мазҳаби исмоилия дар ислом, шоир, теософи беназири фарҳанги эронӣ, самимитарин ҳақгӯ ва ҳақҷӯйи давраи худ, оштинопазир бо беадолатӣ, бефаросатӣ ва худкомӣ будаед. Бесабаб нест, ки пажуҳишгарони эҷодиёти серҷанбаатон шуморо «ошӯбгар»-и бузурги замони худ номидаанд.

Шумо ба наслҳои оянда таълим додаед, ки бояд гургро гург, рӯбоҳро рӯбоҳ, қотилро қотил ном бурд. Аммо мо гургро соҳибкор, рӯбоҳро соҳибмансаб, қотилро сарбоз мехонем.

Бо вуҷуди он, ки дар замони мо бисёр масъалаҳо ба «гиреҳи дил» табдил ёфтаанд, мо аз шумо танҳо барои ҳалли яктои он – масъалаи тақдир ва сарнавишти забони форсӣ дар ин замони рақамӣ, компютерӣ, техникӣ ва технологии худ пурсиданием. Соҳибони ин забон дар кишвару шаҳрҳои таърихӣ ба нудрат сухан мегӯянд, ки ин «гиреҳи дил»-и худ, яъне аз байн рафтан ё махлут шудани, ба қавли Шумо, «дурри форсӣ»-ро забонҳои дигар бикушоянд.

Чӣ бояд кард, ки забони порсӣ (форсӣ)-и замоне нуфузу шуҳраташ ба Ҳинду Бангола расида, ҳоло зери таъсир ва бори вазнини забонҳои ҳокими айёмҳо – ғарбиву урупоӣ «нафас» кашида наметавонад. Ҳарчанд аз лиҳози фарҳангсозӣ аз дигар забонҳои мутараққии олам камӣ надорад ва шояд дорои баъзе бартариҳо ҳам бошад. Фармудаед, ки:

— Азизон! Равшан аст, ки ҳар забон соҳиб дорад. Модоме ҳомилони забон ба таври бояду шояд ҳисси ҳамдиливу ҳамбастагии сарҳадиву ҷуғрофӣ, манофеи муштараки иқтисодӣ, тиҷоратӣ, молӣ, бозори умумӣ, рафтуои хешу таборӣ надоранд, яқинан, бегонашавии на танҳо психологӣ, фарҳангӣ, балки забонӣ ҳам рух медиҳад. Дар чунин талотумҳои таърихӣ мафҳумҳои тоҷикон ҳам бо забони порсӣ (форсӣ)-и худ гирифтор шудаанд. Аз ин ҷост, ки дар натиҷаи мавҷҳои таърихӣ мафҳумҳои «забони тоҷикӣ», «забони дарӣ» (кобулӣ), «забони форсӣ» (теҳронӣ) пайдо шуданд, ки на танҳо натиҷаи бозиҳои сиёсӣ, балки бемасъулиятӣ ва адами оқибатандешӣ нисбати тақдири забони худ аз ҷониби соҳибзабонон ҳам мебошад. Бесабаб набуд, ки яке аз соҳибони бузургтарини ин забон Низомии Ганҷавӣ оқибатандеширо дар зиндагӣ аз «коми дил» зарууртар медонист. Бо амри таърих ё тақдир тоҷикон аз охири асри XIX ба мадори гардиши фарҳангии нимарусӣ ва нимааврупоӣ дохил шуданд. Чӣ гуна, чӣ тавр, бо кадом сабабҳо, ин масъалаи дигар аст. Дар натиҷа забони форсӣ зери таъсири бениҳоят шадид қарор гирифт. Форсӣ тадриҷан аҳамияти фарҳангсозӣ, илмӣ, умуман, ҷаззобияеро, ки дар гузашта дошт, аз даст дод. Барои рушди ҳаматарафаи он ангезае ё омили моддиву маънавие боқӣ намонд. Ин аст, ки байни тоҷикон, алалхусус зиёиён, канорагирӣ аз забону таърихи худ ба вуқӯъ омад.

Барои ҳифзи забони худ ва ба пояи баланди созандагӣ, илмӣ, фалсафӣ, техникию технологӣ, иттилоотӣ расондани он тафаккур лозим аст. Агар тафаккур набошад, забон аз чаҳордевори хона берун баромада наметавонад ва аз қудрати созандагӣ, ихтироъкорӣ бозмемонад. Забон дар пояи равиши умумии фарҳанги умумибашарӣ, тараққиёти илму техникаи муосир рушд мекунад ва зинда мемонад.

Бо забони даҳлезӣ даъвои фатҳи кайҳон кардан ва ба сатҳи фарҳанги умумибашарӣ расидан хилофи имкон аст.

Дуруст аст, ки забон аз василаҳои муҳимтарини нигоҳ доштани ҳувияти шахс ва миллат ба шумор меравад. Аммо худшиносии шахс ва миллат бинобар қудрати созандагӣ ва замонавӣ будани забон сурат мегирад. Набояд фикр кард, ки омӯхтани забон аз мактаб сар мешавад. Не, азизон, омӯхтани забон аз гаҳвора, аз хондани суруди «Лолоӣ» оғоз мегирад. Дар мактаб ин омӯзиш ташаккул меёбад. Вақте ки падару модари кӯдак бо забони «шикаста» ё даҳлезӣ сухан мекунанд, забони «фиджӣ» – махлут ба забони бегона ё ҳоким пайдо мешавад.

Ҷаҳолат аз гум кардани забони хеш оғоз мешавад.

Ба ман барои донистани бузургӣ ва фасоҳати забони худ – порсӣ лозим омад, ки забони арабиро бо тамоми сарфу наҳваш беҳтар аз арабҳо, амиқтару хубтар биёмӯзам. Дар натиҷа арабиро «форсӣ» кардам, мисли он, ки Ҳаким Фирдавсӣ бо порсӣ «Аҷамро зинда кард». Диди фалсафиро дар шеъри порсӣ ҷойгузин намудам. Дар шеъри порсӣ на танҳо эҳсосоти бадеӣ, балки масъалаҳои мубрами иҷтимоии замонро низ инъикос кардам, ба тамҷид ва ситоиши беасоси ҳокимону умаро роҳ надодам.

***

Азизон! Замоне расидааст, ки барои ба об нарафтани бунёди «дурри порсӣ» ду омили аз ҳам ҷудонопазир бояд созмон ёбад. Яке инояти беғашу бедареғи расмӣ, дигаре ташаккули мусоидати ҳамарӯзаи маънавӣ ва ҳолати рӯҳӣ барои пешбурди забон дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ (театр, адабиёт, матбуот, техника, илм, интернет, телевизиону радио, мактабу маориф...). Дар дигар ҳолат забон ба забони «фиджӣ» табдил меёбад, тавре дар боло ишора шуд ва ба фишори техникаю технология, иттилооти рақамии замон истодагарӣ карда натавониста, аз фарҳангсозӣ боз мемонад. Ҳифз кардан ва равнақ додани ҳар як забон, чун яке аз арзишҳои муҳимтарини маънавӣ ва ҳувияти миллӣ, бояд на танҳо дар Сарқонуни давлат, балки дар дилу виҷдони миллат ҳам сабт ёбад.

**(Давом дорад).**

***Ба қарибӣ дар толори фаъолони Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон бо иштироки аъзои Шӯрои адабиёти тоҷик маҷлиси ҳисоботӣ баргузор шуд.***

# МАҶЛИСИ ШӮРО

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки имсол дар семинари анъанавии эҷодкорони ҷавони ҷумҳурӣ, ки дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах ҳар сол баргузор мешавад, бори аввал қаламкашони ҷавони тоҷик низ ширкат ҷустанд.

Ҳамчунин дар маҷлис масъалаҳои чопи осори қаламкашони тоҷик дар доираи лоиҳаи «Китоби нахустини ман», ташкили озмунҳои адабӣ дар байни эҷодкорони ҷавони тоҷик, ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфтани ҷавонон, тарҷумаи осори адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ ва ба китобхонаҳои мактабҳо интиқол додани онҳо муҳокима гардиданд.

Дар чорабинӣ адибон Абдулло Субҳон, Муҳаммадҷон Шодӣ, Хусрави Саъдулло, Муҳиддин Абдусамад ва Мансур Ҷумъаев доир ба масъалаҳои мавриди назар фикру мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

**(Мухбири худамон).**

# ҶАСОРАТ ВА САДОҚАТИ ЯК МОДАР

***ё порае аз рӯзгори як зани диловари тоҷик***

Ӯғулой Ҷӯрабоева аз зумраи фарзандони зиёиву худогоҳи тоҷик аст. Ӯ дар деҳаи Янгибоғи ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё зиндагӣ мекунад. Кору пайкорашро дидаву аз забони баъзе огоҳон шунида, зуд аз дил мегузаронам, ки шояд аз ҷумлаи «духтарони оташ» ҳастанд. Зиндагиномаи ин зани бебок касро мутаассир мекунад. Вай баҳори соли 1954 дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Падари дар орзуи писар, ба вай Ӯғулой ном медиҳад. Аслан онҳо дар оила даҳ нафар будаанд. Аммо аз ҳаводиси ҳаёти бешафқат танҳо се нафар – се духтари гулрӯ саломат мондаанд. Боқӣ ба сабабҳои гуногун ба ҷавори ҳақ рафтаву дар дили падару модар доғҳои хоное гузоштаанд. Волидони ҷигархун шукргӯён ҳамин се нафарро ба дандон газида, калон кардаанд. Рафтору кору бори Ӯғулой падарро хурсанд менамуданд. Қобилияти хуби шогирд устодони дабистонро низ мамнун мекард. Чун аз мактаби рақами 33 (ҳоло дабистони рақами 12) номаи камол гирифт, соли 1970 ба шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Панҷ соли хониш дар донишгоҳ гӯё ба як мижа задан гузашту ба зодгоҳ баргашт.

Дар рӯзномаи ноҳиявии «Сариосиё ҳақиқати» чун хабарнигор кор кард, аммо муҳити рӯзнома ба хостаҳои дили ӯ созгор набуд. Баъд дурии роҳу шароити оила ӯро як муддат водоштанд, ки аз ин шуғли дӯстдоштааш канор равад. Фарзандонаш ҳам хурд буданд ва тарбияву нигоҳубини онҳо низ тақозо мекард, ки табдили пеша созад. Ӯ пешаи омӯзгориро интихоб кард ва хато накард. Дар мактабҳои рақами 12 ва 14-уми ноҳияи Узун то соли 2004 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик фаъолият нишон дод.

– Он вақтҳо соатҳои дарсии фанни забон ва адабиёти тоҷик зиёд буданд. Бешак, дарси забон ва адабиёт шогирдонро дар роҳи худогоҳиву худшиносӣ тарбият мекунад. Ифтихори миллиро дар вуҷуди онҳо ҷой медиҳад. Имрӯзҳо кам карда шудани дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ба фарҳангу тамаддуни миллати мо зарбаи сахте шуд. Охир, фарзандони мо адабиёти оламшумули худро ба таври бояду шояд наомӯзанд, минбаъд арзишҳои миллиро аз даст хоҳанд дод. Забони худро низ фаромӯш хоҳанд кард, – мегӯяд муаллима.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МУШКИЛОТИ ҶАҲОНИШАВӢ АЗ БЕЭЪТИБОРӢ БА ДАРАХТОН ОҒОЗ МЕЁБАД

***Сафарамон бо аҳли эҷоди рӯзномаи «Овози тоҷик» ба вилояти Бухоро пурбаракат буд. Он бо хушу хурсандӣ гузашт, аммо ман дарахтони пурсалобати Боғи Сомониён, ё худ рӯ ба рӯи истгоҳи марказии шаҳр ва байни Донишгоҳи тиббии Бухорову ҳокимияти вилоятро, ки солҳои донишҷӯӣ роҳамон борҳо аз ин ҷо мегузашт, надидам, ки таассуфовар буд...***

... Агар роҳатон аз кӯчаҳои шаҳри азими Тошканд гузарад, чашматон ба ниҳолҳои арчаву дигар ороишии хушкшуда меафтад, ки ба шинонда шудани онҳо вақти зиёд нагузаштааст. Сабаби ин ба шабакаи об нодуруст пайваст гардидани он ҳудуд ё ба ҷойи ношоям шинонда шудани ниҳолҳо мебошад.

Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард, – гуфтаанд. Албатта, ба парвариши ҳар як ниҳолу то ба дарахт мубаддал гардидани он заҳмати зиёди алоқамандони ин кор ниҳон аст ва табиист, ки он арзиши моддии худро низ дорад. Дар ин ҷо суоле пайдо мешавад: касоне, ки бо ин ҷараён сарукор доранд, пеш аз оғози кор чаро чӣ гуна обёрӣ кардани замин ё мувофиқи кишту кор будани онро наандешида бошанд? Ва оё шахсони масъул, ки ба парвариши ниҳолҳои аз ҳисоби маблағи зиёди давлат харидашуда беэътиноӣ мекунанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд?

Дар сартосари мамлакатамон пас аз ба амал татбиқ гардидани лоиҳаи «Макони сабз», ки дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 30 декабри соли 2021 «Дар бораи чорабиниҳои пурсамар ташкил намудани корҳои босуръати кабудизоркунӣ ва ҳифзи дарахтҳо» рӯйи кор омада буд, ҳазорон ниҳол кошта мешаванд. Корхона ва ташкилотҳое, ки ба ин лоиҳа ҳиссаи муносиби худро гузоштаанд, кам нестанд. Чунки ҳифзи табиат, мисли гавҳараки чашм нигоҳ доштани долу дарахтон дар шароити ҷаҳонии имрӯза вазифаи шаҳрвандии ҳар яки мо мебошад.

Олимон натиҷа гирифтаанд, ки несту нобуд гардидани як навъи дарахт сабаби аз байн рафтани 30 навъи ҳайвонот мегардад. Ҳоло ниҳолҳои аз беобию беэътиборӣ хушкшударо дида, гузаштагонамон, ки ҳатто бо тоқии сар ниҳолро обёрӣ менамуданд, ба хотирам омад.

Дарахтон дар ҳаёти мо мисли обу ҳаво нақши муҳим доранд. Моҳияти баъзеи онҳо дур аз тасаввури мост. Мисолан, решаҳои дарахтон оби қаъри заминро полуда, софу зулол мегардонанд. Ҳамаи дарахтон, бахусус, сӯзанбарг, ки баъзе намуди он бо душворӣ ба обу ҳавои мо мутобиқ мегарданд, барои ба оксиген табдил ёфтани карбонати ангидрит нақши муҳим мебозад. Аз ҳама муҳимаш, дар рӯзҳои тафсони тобистон шохаву баргҳои дарахтон гармиро дошта, ҳаворо муътадил месозанд. Хусусиятҳои шифобахшии мева бошад, боз як мавзӯи алоҳида...

Солҳои охир обу ҳавои чангу ғуборолуд, хунукиву гармии ғайримуқаррарӣ дар зимистону тобистони сол ё норасоии об барин ҳолатҳои ҷиддии табиӣ рух медиҳанд, ки ташвишамонро барои ояндаи кишвару насли наврас дучанд мекунанд. Ба андешаи мутахассисон сабаби чунин мушкилот камбудиҳое мебошанд, ки тӯли солҳо ба он дониста ё нодониста даст задаем...

Аз қадим гузаштагони мо барои фарзанди навзод ниҳолеро мешинонданд ва мисли кӯдак аз пайи парвариши он мешуданд. Агар он мевадиҳанда бошад, аз 70-80 то 100 сол, ё мисли чанор дарозумр бошад, чандин ҳазорсолаҳо умр дида, ба ҳусну зебоии табиат меафзуд.

Ба андешаи мо ҳоло вақти он фаро расидааст, ки аз як гиребон сар баровapда, аз пайи ҳаллу фасли чунин мушкилот шавем, гулбуттаву ниҳолҳоро дар вақташ обёрӣ намуда, ба хушкшавии онҳо роҳ нагузорем.

3-3,5 сол пеш аз ин хабаре гӯшраси мардум гардид, ки дар мавзеи бо сояву салқинии худ ба маскани дӯстдоштаи мардум табдилёфтаи маркази шаҳри Тошканд — Чойхонаи «Гунбадҳои сабз» иншооти маъмурие барпо мегардад. Шаҳрвандони зиёди пойтахт ва бахусус, донишҷӯён баҳри нигоҳ доштани он дар ин ҷо ҷамъ омаданд ва аз ҳокими онвақтаи шаҳр хоҳиш намуданд, ки иншоот нигаҳ дошта шавад.

Хурсандиовар он буд, ки аксари иштирокдорони намоиш ҷавонон буданд, ки ба сарнавишти табиату гирду атроф беэътибор нестанд. Мо фардои кишвару модар-табиатро ба чунин ҷавонони ватандӯст бо боварии комил супорида метавонем.

**Набия НОДИРОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҶАСОРАТ ВА САДОҚАТИ ЯК МОДАР

## ё шаммае аз рӯзгори як зани диловари тоҷик



(Аввалаш дар саҳ.3).

Ва рост ҳам мегӯяд. Тоҷик тӯли асрҳо ҳаргиз аз омӯзиши забону адабиёташ маҳрум набуд.

Вай дар яке аз мақолаҳояш, ки ба шарафи Рӯзи забони тоҷикӣ иншо шудааст, ҳақбинона менигорад:

«Оҳ! Чӣ ҷонҳое бохтаам барои зинда мондани забони бечора ва дар дами марг қарор доштаам. Ба шогирдонам ҳам суруд ёд медодам, ҳам шеърхонӣ ва ҳам саҳначаҳо офаридаву меомӯзондам, то ки лафзи модари азизам зинда монад.

Имрӯз дар деҳаи мо забони тоҷикӣ сайди тирхӯрдаро мемонад. На сиҳат меёбад ва на ҷон таслим мекунад. Он оҳуи зебоест, ки соҳибонаш аз беэътиноӣ ба сӯяш тирҳо холӣ кардаанд. Миёни роҳ маҷрӯҳу оғуштаи хун аст. Ҷароҳаташ хурд нест, балки маргбор! Бояд ҳамакаса дармонаш бахшем, то зинда монад...!»

Оё ин нидои модари тоҷик ба гӯши фарзандони хоболудаш мерасида бошад?!

Апаи Ӯғулой ба нафақа баромад, аммо ҳаргиз аз қаламу коғаз дур нагашт, дар саҳифаҳои матбуоти давр пайваста қаламиҳои худро дарҷ мекард. Гоҳ шеър менавишт, гоҳ мақола, гоҳе ба тоҷикӣ тарҷума мекард. Аввалин маҷмӯаи ашъораш соли 2017 бо номи «Рози дил» аз тариқи нашриёти «Тамаддун» (Тошканд) чоп гардид. Баъдан асари Абдулло Қаҳҳорро бо номи «Анор» ба тоҷикӣ тарҷума кард. Фурсате, ки ёфт, эҷодиёти даҳонии халқ – мардуми сарбаланди кӯҳистони Дараи Ниҳонро гирд меовард. Аммо камбудии маблағ намегузорад, ки дар шакли китобе манзури хонанда карда шавад. Шеърҳои махсуси бачагон аз қаламиҳои муаллима бо номи «Харгӯшаки гурезпо» дар нашриёти «Тамаддун» мунташир гашт.

Акнун апаи Ӯғулой бо ҳафтодсолаҳо дӯш ба дӯш гом мегузорад. Ба пирӣ ҳаргиз тан додан намехоҳад, худро далер гирифтаву нерӯманд ҳис карда, аз паси ину он кор кашола мешавад. Ин бонуи ҷасур ва қавиирода ҳар рӯз ба худ ҳисоб додаву медонад, ки ҳанӯз дар ҳаёт корҳои нобудаш зиёданд, бояд ҳатман иҷро кунад.

– Магар пирӣ бар сари худ як маризии бедаво нест? – мепурсад ғамолуда хандида ӯ ва пойҳои дардманди худро кашола карда, ба ҷевони пур аз китоб наздик мешавад ва аз он ҷо сози кор – қаламу коғаз, нусхаи рӯзномаҳо ва кадомин як китобро ҳам мегирад. Бо уфу куфи пирона ба назди ман менишинад. Айнаки шишакалони худро ба чашм гузошта, ба чанд коғаз хира мешавад. – Дилат мехоҳад сад корро анҷом бидиҳӣ, аммо ку ҳамон нерӯ? Дигар он атои парвардигорро надорам! Аммо даст пеши бар нигоҳ карда нишастан ҳам аз инсоф нест. То як зарра ҷонам ҳаст, дар хидмати миллатам мекӯшам.

Апаи Ӯғулой вақте миллат мегӯяд, ин вожа аз умқи замираш чун вулқоне ҷӯшидаву хурӯшида берун меояд. Дар ибтидо чашмонаш шӯълавар мешаванд, бо ҳарорат чанд ҳарф аз забонаш ба парвоз меоянд. Аз кору пайкори худ ёд оварда, вуҷудаш аз ифтихор пур мегардад. Аммо баъд ногоҳ ба ғам мепечад, миёни абрӯвонаш гиреҳ фаромада, лаб мегазад ва сар такон дода мегӯяд:

– Як чизе, ки маро зинда ба зинда мекушад, имрӯз аз хондан ба забони тоҷикӣ ҳазар кардани тоҷики ман аст. Ман андешида ба субуташ намерасам. Чаро тоҷикон ба чунин ҳол гирифтор шуданд? Чаро аз забони худ рӯ мегардонанд? Чаро фарзандони худро ба мактабҳои тоҷикӣ намедиҳанд?

Вай то нафас рост бикунад, муддате хомӯш мемонад ва мебинам, ки ба диддгонаш ашк давида, мисоли ҳезуми тар месӯзад.

Ӯ модари шаш фарзанд аст – ду писар ва чаҳор духтар. Онҳо инсонҳои хушахлоқ ҳастанд ва модар бо ҳар кадом алоҳида менозад. Аз ин шумор писари калонӣ – Диловари худро бохтааст. Вай дар синни 38 дар шаҳри Маскав вафот кард. Ин ҷудоӣ ба модари зор хеле сахт таъсир карда, як муддат ӯро рӯҳафтода ҳам намуд.

– Диловари номуродам дар қабристони деҳа, дар баландии барҳавое хоб аст. Ҳар гоҳ, ки сахт ёдаш мекунам, то манзили хомӯшон меравам ва ба он фароз баромада натавониста, аз берун аз паси симтӯри иҳота ба самти қабраш менигарам ва ба ашки чашмон тар шудаву дилам аз ҳаҷраш бадтар хун ба хона меоям.

Дона-дона ашк мерезад муаллима ва оҳкашон ба ёд меорад:

– Ин мусибат кам буд магар, ба сари ман боз кулфати дигаре бор шуд. Духтараки рӯзноманигорам Заррина ба бемории ҷигар гирифтор шуд. Мани як бор ҷигарбохта ба шаш ақсои олам давидам. Дар пиронсолӣ гадоӣ кардаву пул ҷамъ овардам ва ӯро ба Ҳиндустон фиристодем, ки он узви тани худро табобат намояд. Таҳмина ба апааш Заррина чун донор нисфи ҷигарашро бахшид. Шукр, хурсанд баргашт ва то ҳол дар назорати табибон аст.

Заррина Қурбонова духтари журналисти апаи Ӯғулой аст, ки касби модар омӯхтаву дар саҳифаи тоҷикии рӯзномаи ноҳиявии «Боботоғ тонгӣ» («Субҳи Боботоғ») кор мекард. Пас аз маризии тӯлонӣ натавонист дигар дар таҳияи маводи саҳифаи тоҷикӣ саҳм гузорад. Касе пайдо нашуд, ки ин вазифаро ба сомон расонад. Баъд апаи Ӯғулой ночор розӣ шуд. То ҷои духтаракаш номаълум гардад, то тоҷикони ноҳия аз як саҳифа рӯзнома ба забони модариашон маҳрум намонанд, вай миён маҳкам баст ва дар интишори он азму ҷазм намуд. Ду сол аст, ки ӯ ин корро сарбаландона ба сомон мерасонад ва бар ивази ин қадар заҳматаш аз идораи рӯзнома ягон сӯм дарёфт намекунад. Вай ройгон хидмат мекунад!

– Шармам меояд, то бигӯям, ки маошам бидиҳед. Давлат, шукр, ду миллион сӯм нафақа медиҳад, басанда аст. Рӯзи инсон бо як коса обу пораи ноне ҳам мегузарад. Аммо бигзор номус аз даст наравад. Муҳим, барои миллат хидмате мекунам, – мегӯяд ӯ ва ба рӯяш сурхӣ медавад. Инро ба оҳанге мегӯяд, ки як кори одияк бошад ва кирои ифтихор ҳам надорад. Аммо ногаҳон вуҷуди маро ҳисси ифтихор пур мекунад ва дар ҳайрати бештару бештар мепурсам, ки наход ройгон кор мекунед? Дар ҷавоб хандаи малеҳеро мешунавам ва чашмонам ба гунаҳои сурхи ӯ меафтанд, ки зери бори ҳаё ранг иваз кардаанд.

Зиҳӣ, эй модари бонангу номуси тоҷик! Ҷасорат ва садоқатро бояд аз ту омӯхт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Бонувони сухангӯ*

# ШАҲОДАТ ИЛҲОМБАХШИ ҶАВОНОНИ ДАВР ГАШТА БУД



Шаҳодат фарзанди шашуми хонадони амаки Абдураҳим ва холаи Шарофат аст. Дар он рӯзи тирамоҳон кошонаи омӯзгори варзида ва иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Абдураҳим Раҳимов, ки воқеъ дар деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун аст, аз қадами ин меҳмони нав аз нишот пур гашта буд.

Шаҳодат минбаъд машъалаи нурафшоне гашт, ки аз партаваш зиндагии тоҷикони воҳаи Сурхон зиёи нав ёфт. Ёд дорам, ки ин ном ҳанӯз 35 сол муқаддам сарҳарфи маҳфилҳои аҳли дил гашта буд. Мардум аввал садои дилнишини ӯро аз радио шуниданд ва баъд симои далеронаашро аз оинаи нилгуни вилоят дидаву аз шуҷоати ин бону ба ваҷд омада, гоҳ ашки шодӣ резанд, гоҳе дуо мекарданду шукрона мегуфтанд. Вай тавониста буд, ки дар ҳаёти тоҷикони воҳа табаддулоти азими фикрию равонӣ ворид кунад. Вай кореро ба сомон расонид, ки аз дасти чандин мардони ҳузарб наомадааст. Ӯ тавонист, ки аввалин ҳарфи тоҷикиро аз радиои вилоят ба гӯши соҳибзабонон расонад.

– Шаҳодат Раҳимова ҳарчанд чандин сол пеш ба далели расидан ба синни нафақа аз саҳнаҳои телевизион рафт, аммо барномаҳои таҳиянамудаи ӯ аз ҳаёти мардуми заҳматкаш, чеҳраҳои намоёни намояндагони ин миллат ҳанӯз дар ёдҳои аҳли назар боқӣ мондааст. Симои гармаш ва гуфтори хубу маҷзубашро бошандагони Сурхонзамин дар хотир доранд, – бо ифтихор мегӯяд Сурайё Норманова, ки ҳоло масъули ин барномаҳо мебошад, – пайкори ин бонуи нотарс илҳомбахши ҷавонони давр гашта буд.

Азбаски дар оилаи омӯзгор ба воя расидааст, ба китобу дафтар меҳри алоҳидае дошт. Аз фаъолтарин духтарони мактаб.

– Мақолаву хабарҳо менавиштам, – аз он айёми дуру беғубор ёд оварда мегӯяд апаи Шаҳодат. – Аммо падарам мехост, ки ман духтур шавам, аҳли оила ба як пой рост истода, ӯро аз раъяш гардонданд ва ба мани шайдои сухан ва илму адабиёти порсӣ роҳро ҳамвор сохтанд.

Шаҳодат соли 1982 ба гурӯҳи рӯзноманигории факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил гардид. Соли 1985 таҳсилро дар факултаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии ба номи Жданови Санкт-Петербург идома дод. Ин даргоҳи илмро бо ихтисоси журналисти радиотелевизион хатм намуд. Вай дар байни тоҷикони вилоят аввалин бонуе маҳсуб меёфт, ки бо ин тахассус дипломе ба даст оварда буд. Раиси кумитаи радиои Сурхондарё Озод Авлиёқулов зуд ба Тошканд мактубе навишта, ба бахши тоҷикии радио расман иҷозат гирифт, то ки Шаҳодат бо кор таъмин гардад. Ӯ он рӯзи таърихиро бо ҳаяҷон ба ёд меоварад:

– 1-уми сентябри соли 1988 буд. Аввалин садои тоҷикӣ аз ин бунгоҳи таблиғу ташвиқи ҳукумати вақт ба самъи шунавандагон расид. Он рӯз ман хушбахттарин фарзанди тоҷик будам. Ҳудуди панҷ дақиқа ахбори рӯзро шунавонидам!

«Ахбор»-ро худи Шаҳодат бо лаҳни ширини тоҷикӣ ба гӯшҳои ҳанӯз одатнокардаи мардуми минтақа расонд. Радио он замонаҳо дар хонадони ҳар нафар вуҷуд дошт. Барномаҳоро бо камоли завқ дар мошинҳо низ мешуниданд. Ҳумойиддин Шарофиддинов, ки он замон чун раиси Иттифоқи касабаи вилояти Сурхондарё – аз нахустин шунавандагони «Ахбор»-и тоҷикии радиои вилоят аз он лаҳзаҳои таърихӣ ёде овардаву гуфт:

– Бо сафари хидматие ба ноҳияи Деҳнав раҳсипор будам ва дар дохили мошин ин барномаро шунида, ба ронанда амр кардам, ки мошинро боздорад. Бо гӯшҳоям шунида, бовар намекардам – радио тоҷикӣ «ҳарф мезад»! Панҷ дақиқа ахборро ба забони модариам шунида, аз шавқу ҳаяҷон ба зонуи ронанда якто зада гуфтам, ки мошинро баргардонад – ба Тирмиз бармегардем.

Шарофиддинов ба назди раиси Кумитаи радиои вилоят Авлиёқулов даромада, ҷӯёи он журналисти тоҷик мешавад. Ин марди ғаюр аввалин раҳбари тоҷике буд, ки Шаҳодатро самимона табрик карда, барояш тавфиқ хостааст. Ин иқдоми ӯ ба бонуи суханвар боли парвоз бахшид. Журналисти ҷавону навкор рӯҳан сабзидаву минбаъд босамар кор карда, вақти барномаҳои тоҷикиро аз панҷ ба сӣ дақиқа расонид, ки ҳафтае се-чор маротиба садо медод. Он айём барномаҳои махсусе бо номи «Бонувон», «Ҳаёти деҳот», «Дабистон», «Симои ҳунар», «Тандурустӣ», «Шабоб», «Кишоварз» ва «Ахбор» таҳия мешуд, ки муаллифи онҳо Шаҳодат буд. Моҳи июни соли 1999 аввалин барномаи тоҷикии телевизиони Сурхондарё бо номи «Чашмасор» ба намоиш гузошта шуд ва ин падида дар ҳаёти фарҳангии тоҷикони вилоят чун як воқеаи таърихие сабт гаштааст. «Чашмасор» ҳафтае як бор дар ҳаҷми 30 дақиқа ба эфир мерафт. Шаҳодат бахши тоҷикии радиоро ба зиммаи журналистони ҷавон, ба монанди Олим Панҷизода, Сурайё Норманова, Искандари Мирзо вогузошта, худ дар пайи ободи сохтани «Чашмасор»-аш шуд. Барномаи тоҷикии телевизионро то соли 2004 аз ҳаёти тоҷикони воҳа муттасил таҳия намудаву барои шиносонидани чеҳраҳои фарҳангӣ, тарғибу ташвиқи ҳунарҳои миллӣ, вижагиҳои урфу одати мардуми деҳоти тоҷикнишин саҳми босазое гузошт. Баъдан тӯли чанд сол ба тарбияи фарзандон машғул шуд. Соли 2011 дар бахши реклом ва эълони Ширкати садову симо ба фаъолияти корӣ идома дод. Баъдтар «Чашмасор»-ро, ки чун фарзандонаш хеле дӯст медошт, ба сабабҳои номаълум бастанд.

– Маро дар зиндагӣ се воқеа сахт ба андӯҳ гирифтор сохт. Марги фоҷиавии бародари 39-солаам Шодӣ, ки намунаи ҷасорат ва сарбаландӣ дар зиндагиам буд, аз дунё гузаштани тифли нокомам Фирдавс ва боздошта шудани фаъолияти «Чашмасор», ки мисли як фарзандам дӯсташ медоштам! Ҳанӯз дар азои ҳамин се азизи худ хомӯш мегирям, – мегӯяд Шаҳодат ва ноаён ба чашмон об мегирад.

Ӯ кунун журналисти нафақахӯр аст ва аз он дамҳои рангинкамонӣ ёд оварда, вуҷудаш аз ифтихор пур мегардад.

Шаҳодат ба ҷуз чанд ташаккурнома ҷоизаи дигаре надорад . Мегӯяд, ки беҳтарин мукофот барояш эҳтиром ва боварии ҳаммиллатон буд, ки сазовор шудааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*




# ЧАШМОНАШ ПУРНУРУ ОВОЗАШ ҶАРАНГДОР БОД!

*Таъни нобино мазан, эй дам зи биноӣ зада,*
*З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.*

Дар шаҳри Косонсой менишастем, зери мусиқии нафис аз карнайи монитор суруди «Гиря макун»-и сурудхони ҷавон Нурзида Исоева паҳн гардид:

*Гиря макун, азизакам, тақдири мо буду ҳамин,*
*Бӯсаи охирини мо бо суханони вопасин.*
*Чашмони пурхумори ту,*
*нигоҳи пурҷилои ту...*

Суруди ҷарангдор, маҳину форам бо оҳанги ҷӯру мувофиқ ба гӯш расида, фазоро пур карда, дар берун шунавои роҳгузарон низ мегардид. Чунин сароядаи хушовоз будааст Нурзида. Интизории мо беҳуда нарафт. Нурзида бо ҳамроҳии модараш ба ҷойи нишасти мо даромада омаданд. Аз рӯйи нақли модараш Салтанат Нурзида дар хонаводаашон фарзанди дуюм, донишомӯзу тарбиягирандаи мактаби махсуси рақами 45-уми ноҳияи Косонсой, падару модараш ҳаводорони суруду навои хуши мусиқӣ. Нурзида зодаи чунин хонадони дилафрӯз калон шудааст. Ҳанӯз аз хурдсолӣ майлу рағбат ба суруду мусиқӣ дар дили ӯ ҷой гирифт.



Падараш Дилмурод Исоев – ногирои гурӯҳи якум дар мактаби махсуси онҳо чун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба хурдсолон сабақ медиҳад. Ҳам ихтиёрӣ, берун аз дарс, ба сароядаю навозандагони наврас, аз ҷумла ба Нурзида сирри ҳунари нафисро меомӯзонад. Гуфтан мумкин аст, ки нахустин устодони Нурзида падару модари санъатдӯсташ мебошанд. Баризофа, Нурзида дар таълимгоҳи мусиқии рақами 4-уми шаҳрашон ҳафтае ду бор аз муаллим Арслонбек Саъдуллоев сабақи мусиқӣ мегирад. Сурудҳои «Модар», «Чак-чаки борон», «Анор-анор», «Ҳарф назан» ва монанди инҳо, инчунин таронаҳо ба забонҳои дигар ба репертуараш дохил шудаанд. Бо Нурзида модараш Салтанат ҳамроҳ, ҳамфикр ва ҳаммақсад аст. Дар ҳар сафарашон модару духтарро роҳбари шабакаи интернетӣ Оқилхон Тиллохонов аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ менамояд.

4 рӯз қабл аз суҳбати мо Нурзида бо модари ғамхораш аз сафари вилояти Қашқадарё баргашта буданд. Нурзидаи сароянда, ҳамчунин дар Тошканд, Самарқанд, Андиҷон, Сирдарё, Фарғона ва дигар шаҳрҳою вилоятҳо, дар хориҷ – вилоятҳои Суғди Тоҷикистон ва Ҷалолободи Қирғизистон ҳунарнамоиҳо карда, баҳоҳои баланди мухлисони санъатро гирифтааст. Махсусан, тоҷикистониён ба равон ва бесакта суруду таронаҳо хондани ӯ таҳсин гуфтаанд.

Пас аз гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ Нурзида дар Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон таҳсил намуда, ба донишу ҳунари сароядагиаш такмил доданист. Орзуи неки падару модараш низ дар ҳамин аст.

Бо дархости ҳозирин Нурзида таронаи дигарашро замзама кард:

*Ман ошиқи тан ранги девона,*
*Маҷнуни туям, беҷони туям.*
*Оре, дарди маро як моҳ медонад,*
*Ту намедонӣ, эй дилсанги ман...*

Суруди ишқӣ дили шунавандагонро нарму об кард. Дидаҳо ашкбор шуданд аз саройишу маҳорати Нурзида.

Равшан шуд, ки чашмони духтараки сурудхон муддате бино мешудаасту муддате нобино. Гӯё Худованд ними қувваю тавоноии дидаҳои онро ба дигар узву ҳиссиёти ӯ додааст.

Модараш Салтанат гуфт, ки сафари ҳунарӣ ба Самарқанд боз дар пеш аст. Мо ҳамеша бинову пурнур шудани чашмон, ҷарангдор будани овоз, муваффақияти эҷодии Нурзидаро хоста, дуои хайр кардем.

**Миршароф МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ДУРӮЯ

## ҲАҶВИЯ

Ҷавонзани олуфтасатанги зебо сумкача дар оринҷи даст вориди долони дарозе шуд. Ҳар ҷоҳар ҷо шиносу бегонаҳо интизори саршавии тадбир буданд. Ӯ як шарикдарси собиқашро дид:

– Э ассалому алайкум, дугонаҷон! Худакатон нағз? Сиҳату саломат гаштед? Чашм нарасад, гурбача барин ин қадар хушрӯ шудаед, ки...

Дар навбати худ дугонааш ҳам ӯро ба осмони таъриф бардошт.

Онҳо якдигарро оғӯшкашон лаб ба рӯйи якдигар нарасонида, бӯсобӯс карданд.

Аз вай ду-се қадам дур нашуда, зери лаб ғурунгос зад:

«Э афту башарекат дар гӯр! Ту чиву маймун чӣ? Ба шавҳарат раҳмам меояд: бо ту барин як зани шайтонсуроб чӣ хел зиндагонӣ мекунад-а?!»

Каме пеш рафта, бо роҳбари илмиаш – муаллимаи пиронсолтар вохӯрд:

– Ассалому алайкум, устодҷон, – бидиррросазанон ба гап даромад ӯ. – Хонавода, фарзанду наберахо, ҳамекашон нағзанд? Муллопоччо чӣ тавр?

Э доимо соғу саломат бошед. Некиҳои шуморо мурам, ки ман фаромӯш намекунам...

Вай баъди хайрухуш каме пеш рафта, зери лаб пичирросзанон гуфт:

«Э афтаката хок хӯрад! То ҳимояи кори илмӣ бароят гови ҷӯшоӣ шуданамро ҳаргиз аз хотир намебарорам. Вайро бинанд-е! Як пояш дар лаби гӯру боз ба бурукпӯшиат сӯзам? Худоё тавба, хӯсаи таппатайёр!»

Ба таги дари маҷлисгоҳ наздик мешуд, ки боз як ҳамкор дид. Бо вай ҳам гарму ҷӯшон аҳволпурсӣ кард:

« – Бахт-бахти шавҳари шумо. Як зани парипайкару ширбадани зебое дорад. Боз паризодаҳо барин хушрӯ шудаед, ки... Агар ман мард мешудам, худам шуморо гирифта, ба ягон тараф мегурехтам!»

Вале ҳангоми пурсупосу бӯсобӯс бо нафрати беинтиҳо дар дилаш гуфт:

«Э бодигиат дар гӯр! Доштӣ як мошин доштӣдия! Саҳл сустӣ кунам, маро назару писанд ҳам намекунӣ-е? Э мошинат тобути равон шавад!»

Вай бо ҳар касе, ки вохӯрд, рӯйизабонӣ хоки пояш мешуду зери лаб ғурунгосзанон мегуфт: «Э чаро ман бо ту рӯ ба рӯ омадам-а?! Намедидам, ҳазор бор беҳтар буд. Аз рӯякат наҳсу накбат меборад. Акнун то ба ҳаммом даромада, нағзакак оббозӣ накунам, дилам қарор намегирад...»

Вай бо мақсади ба тартиб овардани сурхиву сафедиҳои лабу рӯяш дар охири долон ба ҳоҷатхона даромад. Дар оинаи он ҷо ба чеҳраи худ зеҳн монда, норозиёна ғурунгос зад:

– Уф-ф, ту ҳам аз онҳо кам нестӣ, дурӯя!

**Бахтиёри ҶУМЪА.**

# Ҳикоят

Овардаанд, ки малике буд золим ва хост то қасре бино кунад. Пас муҳандисонро бихонд, то шакли онро бар сафҳаи хок кашида ба назари хаёли ӯ дароваранд. Ва хонае буд аз он золе (пирзане) дар ҷавори он ва онро дар он шакл мебоист (овард) то он кӯшк тамом шавад ва мураббаъ дар ояд. Пас пирзанро гуфт: Ин хонаро бифрӯш.

Гуфт: Нафрӯшам, ки фарзандони хурд дорам ва ин хонаи мискин ва авратпӯши эшон аст.

Рӯзе он пирзан ғоиб буд ва чун боз омад, хонаи худро фурӯ оварда дид. Пирзан аз он азим биранҷид ва ба оби дида рӯй ба осмон карду гуфт: Бор Худоё, агар ман ғоиб будам, ту, ки ҳозир будӣ!

Ҳамин, ки ин муноҷот бикард, амир бар сари он иморат нишаста буд, зилзила дар омад ва он биноро тамоман бар замин андохт ва он подшоҳ дар зери санг омад ва ҳалок шуд, то оқилонро маълум шавад, ки зулм пойдор набошад:

*Он чӣ як пирзан кунад ба саҳар,*
*Накунад сад ҳазор тиру табар.*

**Аз «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4585. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.